آوازتاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**17 июни соли 2023 Шанбе**

**№ 48 (14955)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР НОҲИЯИ НАМАНГОНИ НАВ КОРХОНАИ «ART SOFT BUNYODKOR» БА КОР САР КАРД

*Лоиҳаи мазкур, ки ба истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ ихтисосонида шудааст, дар маҳаллаи Бунёдкори ноҳия ба амал татбиқ гардида, ҳафтумин корхонаи ширкати «Art Soft Bunyodkor» мебошад.*

*Корхона бар ивази 7 млрд. сўм бунёд гардида, дар ин ҷо дар ду баст наздик ба 300 нафар бо кор таъмин мегарданд.*

*Иқтидори истеҳсолии корхона 550 ҳазор доллар буда, беш аз 20 намуди маҳсулоти трикотажӣ ба мамлакатҳои ИДМ содир мешавад. Ба нақша гирифта шудааст, ки соли 2024 давраи дуюми корхона ба кор сар мекунад ва бар ивази он 450 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда мешавад.*



***Дар сурат:*** *дар корхонаи «Art Soft Bunyodkor»-и ноҳияи Намангони Нав.*

***Суратгир: Ҳ. МАМАДАЛИЕВ. (ЎзА).***

**9 июл – Рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**




Дар доираи тарғиботи пешазинтихоботӣ дар шумораи имрӯзаи рӯзнома матолиб доир ба дастгирии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳизби халқӣ-демократии Ўзбекистон Улуғбек Иноятов ва номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон аз Ҳаракати соҳибкорон ва корчаллонон – Ҳизби либералию демократии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев чоп мегарданд.

Маводи мазкур дар доираи тарғиботи номзадҳо ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон бепул нашр мегарданд.

**(Матолиби мазкурро дар саҳифаҳои 2 ва 3 мехонед).**

## ЎЗБЕКИСТОН БО СБМ ВА ДАВЛАТҲОИ АВРУПО ҲАМКОРИРО ФАЪОЛ ДАВОМ МЕДИҲАД

***Дар ҳошияи иҷлосияи 111-уми Конфронси байналмилалии меҳнат, ки аз ҷониби Созмони байналмилалии меҳнат дар Женева баргузор шуд, раиси Сенат Танзила Норбоева бо муовини оид ба корҳои хориҷии вазири меҳнати ИМА Теа Ли ва намояндаи махсуси ИМА оид ба масъалаҳои меҳнат Келли Фей Родригес мулоқот анҷом дод.***

Зимни мулоқот ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ эътибор дода шуд.

– Татбиқи лоиҳаҳои нави муштарак оид ба такмил додани низоми муносибатҳои меҳнатӣ, ҳамкорӣ дар самти беҳбуди шароити меҳнат дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт самарабахш мегарданд, – гуфт Танзила Норбоева. – Баъди ба даст овардани натиҷаҳои реалӣ ва ҳалли қисми сиёсии мушкилоти соҳаи меҳнат миқёси кори асосии амалӣ оғоз ёфт. Яъне, фароҳам овардани шароити муносиби шуғл, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ дар соҳаи меҳнат ба вазифаи устувор табдил ёфт.

Теа Ли ба ислоҳот дар соҳаи муносибатҳои меҳнатии Ўзбекистон ва сатҳи кунунии ҳамкорӣ бо Созмони байналмилалии меҳнат баҳои баланд дод. Ўзбекистон бо СБМ ва давлатҳои асосии аъзои созмон дар масъалаи барҳам додани меҳнати бачаҳо ва меҳнати маҷбурӣ дар муддати кўтоҳ дар ҳамкории конструктивӣ ба муваффақиятҳои бузург ноил гардид.

Дар фарҷоми мулоқот мувофиқа карда шуд, ки аз рӯйи масъалаҳои баррасишуда бо мақомоти манфиатдор машваратҳо идома дода шаванд.

Зимни мулоқот бо вазири федералии масъалаҳои меҳнат ва умури иҷтимоии Олмон Хубертус Ҳайл таваҷҷуҳи асосӣ ба таҳкими низоми ҳифзи иҷтимоӣ, пайвастани барномаҳои шуғл бо ҳифзи иҷтимоӣ ва татбиқи лоиҳаҳои нав оид ба рақамисозии ин шабакаҳо нигаронда шуд.

Х. Ҳайл ба динамикаи мусбати муносибатҳои дутарафа дахл карда, ба созишномаҳои соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, ки дар муносибатҳои ҳар ду мамлакат саҳифаи нав мекушоянд, баҳои баланд дод. Олмон махсусан қайд кард, ки аз пурзўр гардондани ҳамкории иқтисодӣ ба воситаи фаъолсозии равандҳои меҳнатӣ ва фароҳам овардани заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ манфиатдор мебошад.

Дар мулоқот бо намояндаи махсуси СБМ дар СММ Беате Андреес ҷонибҳо дурнамои тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳои байни Бюрои минтақавии Созмони Миллали Муттаҳид дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ ва Ўзбекистонро баррасӣ карданд.

Дар суханронии худ Т. Норбоева махсус қайд намуд, ки Ўзбекистон ҳамеша ҷонибдори риояи меъёрҳои байналмилалии меҳнат мебошад, ин самт дар сиёсати мо афзалиятнок боқӣ мемонад ва зарурати таҳкими ҳамкориҳои пайвастаро бо Созмони байналмилалии меҳнат тавассути татбиқи лоиҳаҳои нави муштарак ва барномаҳо дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ алоҳида қайд намуд.

Беате Андреес таъкид кард, ки ҳамкориҳои созандаи идораи минтақавӣ бо Ўзбекистон идома хоҳад ёфт.

– Ба туфайли муваффақиятҳое, ки дар муддати кўтоҳ ба даст оварда шудаанд, кишвари шумо дар байни мамлакатҳои минтақа мавқеи пешқадамро ишғол мекунад, – гуфт Б. Андреес. – Мо воқеан эҳсос мекунем, ки дар Ўзбекистон барои ҳамкории боз ҳам ошкоро бо созмони мо иродаи сиёсӣ вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, масъалаи густариши ҳамкорӣ таҳти таваҷҷуҳи доимии намояндаи минтақавии СБМ қарор мегирад.

**Норгул АБДУРАИМОВА,**
**мухбири ЎзА.**

## МЕҲНАТИ ФИДОКОРОНАИ КИРМАКПАРВАРОН

***Ислоҳоти васеъмиқёсе, ки дар кишоварзӣ, аз ҷумла, дар соҳаи кирмакпарварӣ татбиқ гардидааст, натиҷаҳои дилхоҳ медиҳад.***

Имсол кирмакпарварони вилояти Сирдарё 11566 қуттӣ кирмак парвариш карданд ва он ба беш аз 1100 хоҷагии фермерӣ, ё қариб 1900 нафар звенои оилавӣ тақсим гардид. Баъди чорабиниҳои зарурӣ ва меҳнати фидокорона кирмакпарварон ниҳоят ба натиҷаи дилхоҳ ноил гардиданд.

Онҳо 664,7 тонна пилла рӯёнданд ва нақшаро барзиёд иҷро намуданд.

Ба ин комёбиҳо ноҳияҳои Сайҳунобод, Сардоба, Боёвут, Оқолтин, Мирзообод, Хавос ва ғайра саҳми арзанда гузоштанд. Ашёи хоми гаронбаҳо, ба 32-юмин солгарди истиқлоли Ватанамон туҳфаи сазовор гардид.

Алҳол мутасаддиён аз ҳокимияти вилоят бо занону духтарони хонакоре, ки ба парвариши тухми кирмак ва ғайра машғул мебошанд, вохўриҳо гузаронда, барои рағбатноксозии онҳо чорабиниҳо баргузор менамоянд. Фароҳам овардани шароити зарурӣ, ҳамаҷониба дастгирӣ намудани кирмакпарварон омили муҳими ҳосили босифат ва ҷамъоварии саривақтии он мегардад.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

***Қабули сайёри навбатии ҳокими шаҳри Тошканд Шавкат Умурзоқов, дар маҳаллаи Акбарободи ноҳияи Юнусобод оиди омўзиши аҳволи иҷтимоиву иқтисодии ноҳия ва мурoҷиати шаҳрвандон баргузор гардид.***

## МУШКИЛОТ БАРТАРАФ ГАРДИД

Аъзоёни гурўҳ таҳти роҳбарии ҳоким пеш аз чорабинӣ ба маҳаллаҳои ноҳия сафар карда, бо сокинон мулоқот намуданд. Ҳангоми санҷиш бобати аз байн бардоштани баъзе мушкилот дар маҳалҳо чораҳо андешида, муаммоҳое, ки омўзиши иловагиро тақозо доранд, муҳокима ва барои пешниҳод ба идораҳои дахлдор таклифҳо тайёр карданд.

Дар қабул ба масъалаҳои бо кор таъмин кардани аҳолӣ, истифодаи самаранок аз бино ва иншооти холӣ, ҳамчунин вазъи хидматрасонии коммуналӣ ва рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, ба низом андохтани тўй ва тантанаҳои оилавӣ эътибори махсус дода шуд.

Вобаста ба масъалаи бо кор таъмин кардани аҳолии ноҳия аз ҷониби маъсулони ҳокимият ва фаъолони Иттифоқи ҷавонон дар бораи ташкил шудани ҷойҳои нави корӣ ҳисобот дода шуд.

Дар чорабинӣ масъулони ҳокимият таъкид намуданд, ки соли ҷорӣ 484 ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шуд. Аз 395 нафар аҳолие, ки ба маркази кумакрасонӣ муроҷиат кардаанд, 265 нафарашон бо кор таъмин гардиданд, ба якчанд нафар шаҳрванд кумакпулӣ барои бекорӣ таъин шудааст.

Бинобар натиҷаи омўзиш 150 мушкилот ошкор шуд. Мушкилот бештар ба соҳаҳои бо кор фарогирӣ, сектори бонк, нигаҳдории тандурустӣ, таъмини роҳҳои дохилӣ, хидматрасонии кадастрӣ, таъмини оби ошомиданӣ, гази табиӣ ва қувваи барқ дахл доранд.

Дар назди роҳбарони сектори шаҳр вазифа гузошта шуд, ки якҷо бо ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳо «харитаи амалиёт»-и ҳаллу фасли мушкилоти ошкоршударо кор карда бароянд.

Доир ба масъалаҳои дар қабули сайёр муҳокимагардида қарори дахлдор қабул шуд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

## МУАММОҲОИ ДЕҲОТИ ДУРДАСТ ҲАЛ МЕШАВАНД

***Гурўҳи кории иборат аз мутахассисони варзидаи ҷумҳурӣ дар яке аз деҳаҳои дурдасти ноҳияи Ғузори вилояти Қашқадарё бо номи Эшонқудуқ ба кори худ оғоз кард.***

Ин гурўҳи кориро мушовири вазири Вазорати ихтисори камбизоатӣ ва таъмини шуғл Ботир Парпиев сарварӣ карда, раҳбарони секторҳои ноҳияи Ғузор ва сарварони муассисаву ташкилотҳои вилояти Қашқадарё онҳоро дар ин кор ҳамроҳӣ мекунанд.

Гурўҳи кории мазкур дар деҳаи Эшонқудуқ масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии ҳаёти бошандагони ин мавзеъро пурра омўхта, дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта кумаки амалӣ хоҳанд расонид. Дар назар аст, ки вазъи роҳҳои дохилии деҳа, таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ, беҳбуд бахшидани таъминоти неруи барқ ва гази табиӣ, масоили доир ба вазъи тандурустии аҳолӣ, беҳбуд бахшидани инфрасохтори мавзеъ пурра омўхта шаванд.

Чунин санҷишот дар дигар деҳаҳои дурдасти минтақа низ идома мекунанд ва ин амал яке аз роҳҳои муассири ҳал намудани мушкилоти ҷойдошта дар зиндагии рӯзмарраи мардум ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо мебошад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Қашқадарё.**

## АГАР ДЕҲҚОН ШАВӢ, ИЗЗАТ БИЁБӢ

Акрам субҳи содиқро дар пайраҳае истиқбол гирифт, ки ба сўйи қабристони деҳа мебарад. Аз даричаи дарвозаи калон вориди ин қабристон шуду сари дупо нишаст. Баъд ояте аз Қуръони азимушшаънро қироат кард ва ба аҳли қубур бахшид. Аз ҷо хесту ҷониби ду қабри паҳлўи ҳам шитофт, ки дар байни қабрҳои дигар маскан гузидаанд. Он ҷо падару модараш мехобиданд.

Хам шуда нўг-нўги даст баъзе алафҳои хушкидаи болои қабрҳоро тоза намуд. Оби овардаашро ба бехи ниҳоли буттазадаи гули садбарг рехт, ки бо бародаронаш дар байни ду қабр шинондаанд. Сонӣ дар ҳақи онҳо низ дуову фотиҳа хонд.

Падараш – Қўчқорамак Умаров аз зумраи кишоварзони номии ноҳияи Сўх муаррифӣ мешуд. Вай аз хурдӣ то дами вопасин кори падару бобояшро давом дода, ба деҳқониву боғпарварӣ машғул шудааст. Барои меҳнати бисёрсола борҳо аз тарафи ҳокимияти маҳаллӣ қадршиносӣ шудааст ва сазовори як қатор нишонҳои давлатӣ гаштааст.

Акрам лаҳзае аз кору бори падари шодравонаш ёд кард, ки шабу рўз меҳнат мекард ва фарзандони худро низ дар ҳамин рўҳия тарбия менамуд. Вай мегуфт: «Маро бубинед, ки бо меҳнати ҳалолам дар байни мардум иззату икром ёфтаам. Ҳар ҷо равам, ҳурматамро ба ҷо меоранд, аз таҷрибаам баҳраманд мешаванд. Шумо низ худро ба меҳнати ҳалол одат кунонед ва фарзандонатонро бо нони ҳалол парвариш кунед». Дарҳақиқат, фарзандони Қўчқорамак – Эмому Анвар, Маъмуру Акрам, Ҳошиму Бобоҷон аз паси кишоварзиву боғпарварӣ ризқу рўзӣ пайдо кардаву мекунанд. Духтари ягонааш – Мавлуда низ ҳамроҳи шавҳари равоншодаш–Қўшоқбой фарзандонашро дар ивази меҳнат калон кардааст.

Ҳоло Акрам талош ба харҷ медиҳад, ки кори бобову падарашро идома диҳад ва мисли онҳо соҳиби обрўву эътибор шавад. «Парвардигор хонаи охирататонро obод ва қабратонро аз нури Қуръонаш мунаввар созад» гуфт вай ва оҳиста боло шуда, бо ҳамон роҳи омадааш ба ақиб баргашт.



Офтоби тобистон аллакай аз пушти кўҳҳои сарбафалаккашида намоён шуда, ба гирду атроф шўълапошӣ менамуд. Мардуми деҳ кайҳо аз хоби роҳат бедор шуда, бархе рў ҷониби саҳро меоварданд, то ки аз замин ҳосил ба даст оранду зиндагиашонро фаровон гардонанд.

Дар замони пандемия баъзе қитъаҳои замини таҳти тасарруфи хоҷагии ҷамоавии «Ҳушёр» ба мардуми ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои Ҳушёр, Себзор, Қақир тақсим карда шуд. Ба ин васила ҳудуди 200 нафар марду зани бекор ба кор таъмин гардиданд ва ҳоло аз ҳисоби даромади он зиндагии худро пеш мебаранд.

Ҳокимияти ноҳия бо қарори махсус иҷоза додааст, ки мардум қадри тавони худ қитъаҳои замини ин хоҷагиро аз тариқи музояда бихаранд ва тибқи эҳтиёҷашон дар он ба кишту парвариши сабзавоти гуногун машғул шаванд ва ё онро ба боғу бўстон табдил диҳанд. Акрам Умаров роҳи дигарро пеш гирифт. Вай медонист, ки инсон меҳнат кунад, санги хоро ҳам лаъл мегардад. Барои ҳамин замини солҳои дароз бекорхобидаи доманаи талу теппаҳои минтақаи «Дукур»-ро ба ободкунӣ шурўъ кард.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

# ЯКҶОЯ БА СӮИ ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ – ҒОЯИ АСОСИИ БАРНОМАИ НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТИИ ӮЗБЕКИСТОН УЛУҒБЕК ИНОЯТОВ



***30 апрели соли равон дар таҳрири нави Конститутсия, ки тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, муайян карда шуд, ки Ӯзбекистон давлати иҷтимоӣ аст ва тибқи ин принсип, ӯҳдадориҳои давлат дар соҳаи иҷтимоӣ се баробар зиёд гардид. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки тамоюли пешбурди сиёсати пурқуввати иҷтимоӣ, ки яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мустақили кишвари мо маҳсуб мешавад, аслан ба сатҳи баландтар расидааст.***

Ба эзоҳ додан ҳоҷат нест, ки тамоми тағйироти муҳим ва навсозиҳои ба Конститутсия воридшуда дар ҳаёти мо инъикос ёфтаанд ва рӯйдоди сиёсии дар пешистода – интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аҳамияти ҳалкунанда дорад. Аз ин лиҳоз, интихобот чараёнест, ки дар он андешаҳо ва ва ташаббусҳое, ки бевосита ва бавосита ба сарнавишти давлату ҷомеа таъсир мерасонанд, аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ба миён гузошта мешаванд. Интихобкунандагон бо ин фикру ташаббусҳо шинос шуда, дар рафти интихобот озодии худро бо овози худ баён мекунанд. Албатта, он чиз аҳамияти хоса дорад, ки интихоботи имсола дар фазои нави ҳуқуқие, ки ба Конститутсияи навшуда монанд аст, дар шароити афзоиши фаъолнокии иҷтимоии мардуми мо баргузор мешавад.

Ҳар як интихобкунанда муносибати худро ба ҳаёти озоду осуда, ба тараққиёти сотсиалию иқтисодии давлат, ба дигаргуниҳои нав, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятро фаро мегирад, бо овози худ баён мекунад. Дар ин маврид тадбиру вазифаҳое, ки дар барномаи пешазинтихоботии номзад дар интихоботи президентӣ муайян шудаанд, бояд диққати ҳар як интихобкунандаро ба худ ҷалб намояд.

O'zbekiston ХДП Xalq demokratik partiyasi

Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон низ дар асоси пешниҳодҳои аз поён то боло ирсолшуда, дар асоси манфиат ва ҳадафҳои барномавии интихобкунандагон, барномаи фарогирии интихоботи ояндаро таҳия кардааст. Моҳияти барнома, ки аз рӯи 9 самт қариб сад ғоя ва ташаббусро фаро гирифтааст, дар ин рӯзҳо, ки маъракаи интихоботӣ оғоз ёфтааст, ба ҳукми интихобкунандагон гузошта мешавад.

Дар ин ҷо фаъолони ҳизб дар бораи барномаи пешазинтихоботии Улуғбек Иноятов, номзад ба мақоми Президентии Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон андешаҳои худро иброз доштанд.

**Шарбат АБДУЛЛАЕВА, раиси Шӯрои собиқадорони ҲХДӮ, доктори илмҳои иқтисодиёт, профессор.**



— Бесабаб самти аввали барномаи номзад ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон **«Сиёсати пурқуввати иҷтимоӣ – пояи давлатдории иҷтимоӣ, асоси ҷомеаи устувор ва зиндагии ободу осуда»** ном надорад». Сабаб дар он аст, ки пандемия, ки солҳои охир ба сари инсоният озмоишҳои сангин овардааст, равандҳои тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ, ки сол то сол шиддат мегирад ва ташаннуҷи вазъи сиёсиву иқтисодӣ дар арсаи байналмилалӣ ба назди ҳар як давлат шарти ба таъхир наандохтани вазифаи пурзӯр намудани сиёсати иҷтимоиро мегузорад.

Пойдевори аввалини сиёсати пурзӯри иҷтимоӣ таъмин намудани субот ва шукуфоии давлати иҷтимоист. Дар замири ин ҷунбиши сиёсӣ ҳалли мушкилоти соҳаҳои гуногуни ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқи инсон дар асоси принсипҳои одилона ва демократӣ ниҳон аст. Илова бар ин, дар раванди пешбурди сиёсати пурқуввати иҷтимоӣ ба воситаи такмил додани низоми таълим ва рушди соҳаи тиб дар заминаи такя кардан ба захираҳои мавҷуда ба зиндагии фаровони шаҳрвандони мо замина фароҳам оварда мешавад.

Дар сурати ба ниятҳоямон ҳамоҳанг будани амалҳоямон расидан ба ҳадаф осон мекӯчад. Аз ин рӯ, барномаи мо бо Конститутсия, ки решаи давлатдории Ӯзбекистон маҳсуб мешавад, созгор аст. Илова бар ин, тамоюли давлати иҷтимоие, ки дар Конститутсияи навшуда муайян шудааст, ба мақсадҳои асосии барномавии Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон мувофиқат мекунад.

Дар ин самт пешниҳод менамоем, ки кафолати интихоби касб, таҳсилгирӣ ва пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ ба кор ҷойгир шудани ҷавонон пурзӯр карда шавад. Зеро, вақте ҷавонони мо, ки мактабҳои олиро хатм кардаанд, аз рӯи ихтисоси худ барои кор ба ташкилоту муассисаи дахлдор муроҷиат мекунанд, онҳоро ба надоштани таҷриба ва тахассус муттаҳам мекунанд, ҳодисаҳои ба кор набаромадан низ мушоҳида мешавад.

Тибқи маълумот, дар соли 2022 **беш аз 144 ҳазор нафар хатмкунандагони таҳсилоти касбӣ ба бозори меҳнат ворид шуданд. 82,8 фоизи онҳо бо кор таъминанд**. Воқеан, ин фоизро метавон дар муқоиса бо таҷрибаи дигар кишварҳои хориҷӣ мусбат арзёбӣ кард. Аммо дар асоси идомаи сиёсати имрӯзаи давлат дар ин самт масъалаи бо ҷойи кор таъмин намудани ҷавонон, ки ояндаи дурахшони мо мебошанд, бояд меъёри вазифаҳои асосии мо гардад. Аз ин рӯ, дар барномаи пешазинтихоботии номзад тадбирҳои омода намудани мутахассисони ҷавони соҳибихтисос, соҳибмаълумот ва зарурӣ барои бозори меҳнат тавассути ислоҳоти пайваста дар соҳаи маориф ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунанд.

Ҳамчунин зикр мегардад, ки бояд **назорати ҷамъиятии расонидани кумакҳои манзиливу мақсадноки моддию иҷтимоии ба эҳтиёҷмандон** дар ин самти барнома пурзӯр карда шавад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар кишварамон ба хотири беҳбуд бахшидан ба зиндагии мардуми эҳтиёҷманд дар баробари фароҳам овардани имтиёзу имкониятҳои ҳуқуқӣ ба онҳо кумакҳои дахлдори молиявӣ ҷудо карда мешавад. Аммо ҳолатҳои вайрон кардани қонун ҳам ҷой доранд, ки ёрии моддии ҷудошуда бо ягон сабаб ба макони таъиншуда, яъне ба шаҳрванде, ки дар ҳақиқат ба ин кумак ниёз дорад, намерасад. Ин дар ниҳоят маънои истифодаи бесамари маблағҳои давлатиро дорад, ки барои беҳтар кардани сифати зиндагии шаҳрвандони ниёзманд кӯшиш мекунанд. Агар дар ҳамин самт назорати пурзӯри ҷамъиятиро ба роҳ монем, ин гуна ҳолатҳои ногувор бартараф карда, барои зудтар ба даст овардани мақсади неки пешбинишуда замина фароҳам оварда мешавад.

Мо мисли ҳар як шаҳрванд ба рушди минбаъдаи кишварамон бетараф нестем. Дар ин маврид шаҳрвандон бояд бо истифода аз ҳуқуқҳои интихоботие, ки қонун додааст, ба тарафдории номзади муносиб барои инкишофу пешрафти минбаъдаи ҷомеаи мо овоз диҳанд.

**Мавҷуда ҲАСАНОВА, депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис, аъзои фраксияи ҲХДӮ:**



— Дар Барномаи номзад бо манзил таъмин кардан ва хушсифат расондани хидмати коммуналӣ ҳамчун омили муҳими баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии халқ қайд шудааст.

Ҳар як миллату халқият арзишҳои бо мурури таърих ташаккулёфтаи худро дорад.

Пас, қабул шудааст, ки ҳар як шахс бояд ҷойи истиқомати доимӣ дошта бошад. Ин ниёзи асосиест, ки решаи амиқ дорад, назари моро ба зиндагӣ муайян мекунад. Мавҷудияти паноҳгоҳи бехатар, Ватани кучакро халқи мо шарти асосии зиндагии осудаҳолона мешуморад.

Ба сифати асоси ҳуқуқии ин дар моддаи 47-уми Конститутсия дар таҳрири нав гуфта шудааст: «Ҳар кас ба соҳиби манзил шудан ҳуқуқ дорад. Ҳеҷ касро бе қарори суд ва хилофи қонун аз манзил маҳрум кардан мумкин нест. Ба мулкдоре, ки аз манзилаш маҳрум шудааст, арзиши манзил ва товони зараре, ки ба ӯ расонида шудааст, дар ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи қонун пешакӣ ва бо арзиши баробар ҷуброн карда мешавад. Мо бояд эътироф кунем, ки ҳуқуқи соҳибӣ кардан ба манзил ва ҳуқуқи соҳибони манзил аз рӯи Конститутсия ҳифз карда мешавад.

Имрӯз табиист, ки дар баробари афзоиши шумораи манзилҳои истиқоматӣ барои аҳолӣ, талаботи шаҳрвандони мо ба манзил зиёд мешавад. Афзоиши саршумори аҳолӣ ва ба вуҷуд омадани оилаҳои нав дар ҷумҳурӣ низ боиси афзудани эҳтиёҷот ба манзил мегардад.

Аз ҷумла, аҳолии мамлакати мо дар шаш соли охир 5,5 миллион нафар афзуд ва дар солҳои наздик ба 40 миллион нафар расондани он пешбинӣ мешавад. Дар айни замон, ки нишондиҳандаҳои демографӣ босуръат меафзояд, масъалаи бо хобгоҳ таъмин намудани табақаҳои эҳтиёҷманд сол то сол муҳимтар мегардад. Мо минбаъд ҳам тарафдори сохтани манзилгоҳ барои аҳолии камбизоат, аз он ҷумла, ногиронҳо, падару модароне, ки кӯдакони маъюбро тарбия мекунанд ва заноне, ки дар вазъияти вазнини иҷтимоӣ қарор доранд, мебошем.

Чунон ки дар барномаи пешазинтихоботии номзад гуфта шудааст, қабули қонун **«Дар бораи дастгирии давлатии сохтмони манзил»** дар оянда барои ба вуҷуд овардани заминаи мустаҳками ҳуқуқии ин соҳа хидмат мекунад. Дар барнома масъалаи тавсеа додани таҷрибаи додани қарзҳои имтиёзноки ипотекӣ барои сохтмони манзил барои сокинони камбизоат дар сатҳи ҳуқуқӣ ва тадбирҳои татбиқи он ба танзим даровarда шудааст.

Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки имрӯз дар бозори сохтмони кишварамон ҳолатҳои ғайриқонунӣ, бе иҷозати ташкилотҳои дахлдор ва назардошти ақидаи аҳолии маҳаллӣ бунёд намудани объектҳо, беэътиноӣ ба талаботу меъёрҳои мавҷуда ба мушоҳида мерасанд.

Албатта, дар ин бобат мақомоту ташкилотҳои давлатӣ чораҳои дахлдори назоратӣ мебинанд, вале дар ин бобат пурзӯр намудани назорати халқӣ барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ зарурати ҳаётан муҳим аст.

Қабули Қонуни пешниҳодшуда **«Дар бораи иштирок бо ҳисса дар сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва дигар объектҳои амволи ғайриманқул»** ба танзими ҳуқуқии раванди ҷории сохтмони биноҳои истиқоматӣ ва дигар объектҳои амволи ғайриманқул бо иштироки шаҳрвандон, аз ҷумла фароҳам овардани кафолатҳои ҳифзи пасандозҳои аҳолии ба сохтмони манзил ҷалбгардида мусоидат мекунад. Ба ин муносибат бояд гуфт, ки дар барномаи пешазинтихоботии номзад вазифаҳои боз ҳам пурзӯр намудани кори ба амал баровардани назорати халқӣ дар маҳалҳо барои пешгирӣ кардани сохтмонҳои ғайриқонунӣ, ки мавзӯи доғи рӯз аст, муайян карда шудаанд. Мардуми мо тавассути интихоби Президент меъёри рушди ояндаро муайян мекунад.

Аз ин рӯ, даъват менамоем, ки дар роҳи ба вуҷуд овардани майдони васеи сиёсӣ барои амалӣ намудани ғоя ва ҳадафҳои барномавии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон Улуғбек Иноятов овоз диҳед!

**Аброр ҚУРБОНОВ, сардори раёсати Шӯрои марказии ҲХД Ӯзбекистон:**



— Иқтидори ҳар як мамлакати бемайлон тараққикунандаро неруи зеҳнии шаҳрвандони он муайян мекунад. Пас, роҳҳои расидан ба бунёди давлати тавонои дорои неруи баланди зеҳнӣ кадомҳоянд? Албатта, тавассути таълими босифат, фароҳам овардани шароити ҳамаҷонибаи таълиму тарбия. Инро дар мисоли фарҳангҳои пешрафта дидан мумкин аст, ки барои бунёди тамаддуни ҷаҳонӣ замина гузоштаанд. Дар самти барномаи интихоботии номзад ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз Ҳизби халқӣ-демократии Ӯзбекистон таҳти унвони **«Таълими ҷавонон – гарави ояндаи миллат ва рақобатпазирии кишварамон»** як қатор пешниҳодҳо оид ба мустаҳкам намудани кафолатҳои таълими ҷавонон инъикос ёфтаанд.

Бо дарназардошти он, ки беш аз нисфи аҳолии кишварамонро ҷавонон ташкил медиҳанд, набояд фаромӯш кард, ки амалӣ намудани ислоҳоти бетаъхир дар соҳаи маориф ва ба воситаи ин омода намудани мутахассисони ҷавони соҳибмаълумот барои ҷомеа масъулиятест, ки бар зиммаи ҳар яки мо гузошта шудааст.

Дар барнома зарурати андешидани тадбирҳои мушаххас оид ба фароҳам овардани имкониятҳои баробар дар соҳаи маориф барои ҳамаи табақаҳои аҳолӣ зикр шудааст. Аз ҷумла, пешниҳод шудааст, ки фарогирии кӯдакони синни томактабӣ ба муассисаҳои таълимии томактабӣ васеъ карда шавад. Барои ин бояд боғчаҳои нави давлатӣ сохта, боғчаҳои мавҷударо таъмир карда, шумораи муассисаҳои томактабии давлатию хусусиро афзун гардонд. Ҷалби сектори хусусӣ ба соҳа, албатта, падидаи матлуб аст, вале дар баробари ин шумораи кӯдакистонҳои давлатиро зиёд кардан лозим аст.

**Дар нақлиёти ҷамъиятӣ ба мактаббачагон ҷорӣ намудани нархҳои дифференсиалӣ**, яъне ҷорӣ намудани системаи пардохт, ки барои онҳо назар ба калонсолон роҳкирои арзонтарро пешбинӣ мекунад, мисоли адолати иҷтимоист. Умуман, барномаи пешазинтихоботии номзад аз он гувоҳӣ медиҳад, ки вай мавқеи тарафдори тамоюли «Таълим — ҳуқуқи асосии инсон»-ро устуворона ишғол кардааст. Дар ин масъала риоя намудан ба баробарии ҳуқуқ ва имкониятҳо аҳамияти муҳим дорад.

**НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ ҲИЗБИ ХАЛҚӢ-ДЕМОКРАТӢ УЛУҒБЕК ИНОЯТОВРО ДАСТГИРӢ КУНЕД!**

## ХАБАРҲО

### ҶУБРОН БАРОИ ХОЛҲОИ БАЛАНД ДАР ИМТИҲОНОТИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

***Агар ҷавонони то сисола дар IELTS (имтиҳоноти байналхалқӣ) бештар аз 7 хол ҷамъ намоянд, мувофиқи қоидае, ки амал мекунад, маблағи барои имтиҳон пардохтаашон пурра баргардонда мешавад.***

Талабгорон аз ин гуна ҷуброн танҳо як маротиба истифода бурда метавонанд. Назар ба таъкиди директори Агентии кор бо ҷавонон Алишер Саъдуллоев аз 1 майи соли 2021 инҷониб миқдори маблағе, ки баргардонда шудаанд, наздик 28,8 миллиард сӯмро ташкил менамояд. Аз имтиёз 16655 нафар ҷавонон истифода намудаанд. Аз ҳама бештар ҷавонони тошкандӣ (6829 нафар) бо ҷуброн фаро гирифта шудаанд Ҷавонони Фарғона, Намангон ва Самарқанд бошанд, ҷойҳои минбаъдаро ишғол кардаанд.

Воқеан, имтиҳонсупурдагон танҳо дар ҳолати холҳои баланд гирифтан дар 18 сохтори имтиҳоноти байналхалқӣ маблағи супурдаашонро тавассути иловаи «Хазина» чун ҷуброн баргардонда гирифтанашон мумкин.

### «ҲАФТАВОРИ БОФАНДАГӢ» — ДАР ПОЙТАХТ

***Дар Тошканд «Ҳафтавори бофандагӣ» рӯйи кор омад. Дар он ба аудиторияи васеъ иборат аз 600 намоянда ширкати Better Cotton харитаи роҳ тақдим сохт.***

Дар чорабиниҳои ҳафтавор раиси Сенати Олий Маҷлис Танзила Норбоева ва раиси иттиҳодияи «Ӯзтӯқимачиликсаноат» Илҳом Ҳайдаров ширкат ҷустанд. Т. Норбоева дар баромади худ қайд намуд: «Харитаи роҳ»-е, ки тақдим гашт, дар навбати аввал ба пурзӯрсозии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмили муносибатҳои меҳнатӣ дар асоси стандартҳои байналхалқӣ ва офаридани шароити бехавфи меҳнатӣ нигаронида шудаанд.

### ҲАМКОРӢ ДАР ОМӮЗИШИ ЗАБОНҲО

***Дар Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд бо ташаббуси шоҳигарии Арабистони Саудӣ курсҳои такмили ихтисос баргузор мегарданд.***

Академияи байналхалқии забони арабӣ ба номи Шоҳ Салмон таҳти ҳамкорӣ бо Маркази таълими «Забони арабӣ — барои ҳама» ба ин чорабинӣ, ки як моҳ (дар моҳи июн) давом мекунад, сарубар мебошад. Дар ифтитоҳи чорабинӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Арабистони Саудӣ дар кишвари мо Юсуф ал-Утайбӣ ширкат ҷуст ва оиди муносибатҳои дуҷониба миёни мамлакатҳоямон, ки торафт равнақ меёбанд, ҳарф зад.

Зимнан, дар донишгоҳе, ки зикр гашт, 14 забони халқҳои Шарқ омӯзонда шуда, дар ҷараёни омӯзиш намояндагон – мутахассисони соҳа аз хориҷ низ ширкат меҷӯянд, таҷрибаҳояшонро баҳам мебинанд.

Дар курсҳои такмили ихтисос бо иштироки мутахассисони забони арабӣ бошад, устодони кафедраҳои филологияи араб, назарияи тарҷума ва литсейи академӣ маҳорати худро такмил медиҳанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

# АГАР ДЕҲҚОН ШАВӢ, ИЗЗАТ БИЁБӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

– Масоҳати ин замин, ки ҳоло обёрӣ кардаем, дастикам 50 гектар мебошад. Сӣ гектари он марбути кооператсияи истеҳсолии «Ҳушёр агро кооператив» мебошад, ки роҳбарии онро бар дӯши ман гузоштаанд. Аз шаҳрҳои Фарғонаву Қувасой ва Қӯқанду Марғелон намудҳои гуногуни ниҳолҳои мевадиҳанда оварда шинондем. То калон шудану шохпаҳнкунии ниҳолҳо аз замини он пурсамар истифода мебарем. Дар айни ҳол коргаронамон картошка, ҷаву гандум, нахӯду лӯбиё ва мош, ҷуворимакка, лаблабӯ ва амсоли он парвариш мекунанд, – мегӯяд Акрам Умаров.

Вай афзуд, ки идораи обрасонии ноҳия бо роҳбарии Ӯткир Болтабоев, муҳандисон Ҳалимҷон Муродов ва Юнусалӣ Ҷӯраев барои кашидани об таҷҳизот ва дастгоҳҳои заруриро дастрас намуданд. Барои ҳамин аз ҳамаи онҳо миннатдор аст.

– Бо ин усул дар фаровонии дасторхони мардум мо низ саҳми худро хоҳем гузошт. Зеро дар солҳои охир таҳти сиёсати хирадмандонаи Президент Шавкат Мирзиёев шароити мусоид фароҳам омадааст, ки нақшаҳои як замон амалӣ ношударо амалӣ гардонем. Обёрии ин замини бекорхобида ва парвариши ниҳолҳо, кишти сабзавоти гуногун мисоли равшани он аст, ки агар кас хоҳиши меҳнат карданро дар сар дошта бошад, метавонад бо андак меҳнат заминҳои бекорхобидаро ба бӯстону гулистон табдил диҳад, – иброз медорад ҳамсуҳбати мо.

Дарвоқеъ, имрӯзҳо дар кунҷу канори ноҳияи Сӯх маҳз бо мусоидати ҳукумати марказӣ ва маҳаллӣ, инчунин ҷаспу талоши одамони меҳнаткашу заҳматписанд садҳо гектар замини бекорхобидаи талу теппаҳо азхуд карда мешаванд ва ба манбаъи даромади мардуми зиёд табдил меёбанд.

– Мардуми Ҳушёр аз меҳнат намеҳаросанд. Акрам Умаров бо аъзои хонавода ва коргаронаш аз зумраи ҳамин гуна одамони заҳматписанд мебошанд. Соли сеюм аст, ки вай бо аъзоёни худ барои obod намудани ин замин ҷидду ҷаҳд менамояд. Метавон гуфт, ки Акрам ва коргаронаш соли аввалро бо сангчиниву ҳамвор кардани замини азхудкардашуда сипарӣ намуданд. Аммо соли гузашта ин замин нахустин ҳосили худро дод. Даромади кооператсияи истеҳсолии «Ҳушёр агро кооператив» дар ҳамин ҳол қобили мулоҳиза мебошад, – мегӯяд ҳокими ноҳия Сайидбаҳром Сайидмӯсоев.

Акрам Умаров бо итминон иброз намуд, ки баъди сипарӣ гардидани се-чор сол ин ҷойҳоро шинохта намешавад. Вай мегӯяд, об манбаи ҳаёт аст. Ҳоло ҳавзи калоне кофтаву ба он аз ҳавзи канал тавассути насос об мекашанд. Ин имкон медиҳад, ки дар вақти зарурӣ ниҳолҳову кишти зироат обёрӣ карда шавад.

– Зиндагӣ пастиву баландиҳои худро доштааст. Баъди фавти падару модарам се бародарам – Эмом, Анвар ва Ҳошим бармаҳал ин дунёро тарк намуданд. Марги онҳо мо – бародаронро андак саросема намуд. Аммо даст ба дасти ҳам додем ва аз пайи кор шудем. Бародаронам Маъмуру Бобоҷон маро танҳо намегузоранд ва ҳамеша дасти ёрӣ дароз мекунанд, – мегӯяд Акрам.

Ба гуфтаи ӯ ҳарфҳои падараш ҳаргиз аз лавҳи хотираш дур намераванд. Вай доим таъкид мекардааст, ки онҳо деҳқон шаванд, ҳатман назди мардуму давлат иззат хоҳанд ёфт. Деҳқон ҳаргиз гурусна намемонад. Вай шиками дигаронро низ сер мекунад. Дар мамлакат ба деҳқону фермер ва соҳибкорон шароиту имкониятҳо фароҳам оварда мешаванд. Инро Акрам Умарови ҳушёрӣ низ хеле хуб дарк намудааст. Барои ҳамин дар ҳавои гарму тафсони тобистон ӯ бо коргарони худ дар замини навкорам аз пайи меҳнати пурмаҳсул мебошад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ҲУНАРПЕША ОФАРАНДАИ ЗЕБОИСТ

***Дар осорхонаи Устод Айнӣ дарси маҳорати кашидадӯзи номдор, соҳиби медали «Шуҳрат», иштирокчии озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ Мавлуда Ҳамдамова баргузор гардид.***

Дар он ҷавонон аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Самарқанд иштирок намуда, асрори гулдӯзиро омӯхта, аз асарҳои тайёри мураббӣ нусхаҳо бардоштанд.

– Дар асарҳои Устод Айнӣ нисбати санъати тасвирӣ маводи фаровон мавҷуд, – иброз дошт директори хона-музей Амриддин Пӯлодӣ, – барои ҳамин мо тасмим гирифтем, ки дар осорхона дарси маҳорат ташкил диҳем. Фаромӯш накунем, ки ҳунарпеша офарандаи зебоист. Бузургони мо насиҳат кардаанд:

*Дар ҳунар кӯш, ки зар чизе нест,*
*Ганҷу зар пеши ҳунар чизе нест!*

Аҷиб ва мояи ифтихор аст, ки ҳатто сайёҳони хориҷӣ ҳангоми зиёрати хона-музейи Устод Айнӣ ба касбу ҳунари гузаштагони мо мароқ пайдо карда, бо ҳавас ба матои гулдӯзӣ нигаристанд.

Таъкид бояд кард, ки ҳавасмандон метавонанд дар дарси маҳорати кашидадӯзӣ ширкат варзида, истеъдоди хешро сайқал диҳанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**



***Дар акс:*** *лаҳза аз тадбир.*

***Дар доираи барномаи ҷашнвораи XX байналмилалии «Абрешим ва зиравор» дар Маркази ахбору китобхонаи вилояти Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Сино барои намояндагони воситаҳои ахбори оммавӣ нишасти матбуотӣ ба амал омад.***

# ДАР БУХОРО ФЕСТИВАЛИ «АБРЕШИМ ВА ЗИРАВОР» ОҒОЗ ЁФТ

Ҷонишини ҳокими вилоят Миралӣ Ҳамроев ва дигар аъзоёни кумитаи тадорук ба хабарнигорон дар бораи тадбири пешистода маълумот дода, ба пурсишҳои онҳо ҷавоб гардонданд.

Субҳи 16 июн шаҳри Бухорои куҳна намуди идона дошт. Аз қалъаи Арк то маҷмӯи «Лаби ҳавз» гирду атрофро матои атласу адрас зеб медод. Ба машом ҳар лаҳза бӯйи хушу ҳаловатбахши зиравор мерасид. Пагоҳии бармаҳал чун одат «Корвони мӯъҷизаҳо»-и ҳунармандон аз майдони Арк то маҷмаи «Лаби ҳавз» ба ҳаракат даромад. «Шаҳристон»-и куҳна гӯё ба олами афсонаҳо табдил ёфт.

Сайёҳони дуру наздик аз намуди пурҷозибаи дилкаш, нидои рақсу суруд ба ҳайрат омада буданд. Дар барномаи ин тадбир, ки бо ташаббуси ҳокимиятҳои вилояту шаҳр ва ҳамкории садоратҳои фарҳангу сайёҳӣ, «Ҳунарманд», инчунин ташкилотҳои дигар таҳия ёфтааст, намоишу ярмаркаҳои матои абрешимию зиравор, озмуни сайри «оши палав», тамошоҳои мардумӣ, бозиҳои миллӣ, савдои ашёҳои зардӯзию филизотӣ, гилемҳои абрешимию сӯзаниҳои кашидадӯзӣ, дарсҳои маҳорати ҳунарҳои бадеию миниатюра, конференсияи байналхалқии илмию амалӣ, намоиши асарҳои санъати тасвирӣ, барномаҳои консертии дастаҳои ҳунарӣ ва ғайра шомил гаштанд.

Дар ҷашнвора 200 нафар ҳунармандони маҳалливу хориҷӣ иштирок доранд. Намояндагони сафоратхонаҳои Словакия, Италия, Арабистони Саудӣ, Урдун, Бангладеш, Туркия, Кувайт ва Қатар низ хоҳиши тамошои ҷашнвора карданд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбирони «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

# РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДӢ – ОМИЛИ МУҲИМИ ТАЪМИНИ НЕКУҲОЛИИ АҲОЛӢ




**Имрӯз раванди интихоботи Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон на танҳо дар маркази диққати интихобкунандагони мамлакати мо, балки тамоми минтақа, инчунин аҳли ҷамъияти ҷаҳон мебошад. Зеро, ин воқеа дар интихоби роҳи минбаъдаи рушд дар ояндаи наздику дури Ӯзбекистон, ки дар остонаи дигаргуниҳои бузург қарор дорад, дар таъмини некуаҳволии халқи мо, ҷустуҷӯи масъалаҳои ҳалталабии доғи рӯз ва вазифаҳои таъхирнопазире, ки дар назди мо истодаанд, аҳамияти таърихӣ дорад.**

Таҳлилгарон ба натиҷаҳои ислоҳоти куллӣ ва бунёдӣ, ки таҳти роҳбарии **Шавкат Мирзиёев татбиқ шуда, ба бунёди Ӯзбекистони Нав, давлате, ки бо ҳадафи олӣ амалӣ намудани орзуҳои олиҷаноб ва орзуву омоли ҳар як инсон, шахс, оила бобати ҳаёти осоишта, озод, некуҳол ва гул-гулшукуфон дар асоси тамоюлҳои ҳамкории дӯстона бо аҳли ҷамъияти ҷаҳон** нигаронда шудааст, баҳои баланд медиҳанд.

Зеро, дар шаш соли охир маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат аз **52** миллиард доллар ба **80** миллиард доллар расид ва ин нишондиҳандаи муҳими тараққиёти босуръати мамлакати мост.

Номзади мо Шавкат Мирзиёев ба иқтидори мавҷуда такя намуда, дар назди худ мақсадҳои боз ҳам баландтар гузошта истодааст. Ҳадафҳои асосӣ инҳоянд:

- то соли 2030 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилиро **2** баробар зиёд гардонда, ба **160 миллиард** доллар расондан;
- афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ аз **2,2 ҳазор** доллари кунунӣ то ба **4 ҳазор** доллар;
- дар натиҷа таъмин кардани ба қатори **«кишварҳои даромадашон аз ҳисоби миёна баланд»** дохил кардани Ӯзбекистон.

**Ин чӣ тавр анҷом дода мешавад?**

### Рушди саноати ба технологияҳои пешқадам асосёфта

Дар ин бобат дар барномаи пешазинтихоботии номзади ҳизби мо дар солҳои минбаъда ба кор даровардани 3 заводи ғанисозии мис ва заводи нави мисгудозӣ дар Олмалиқ, кластери коркарди миси Оҳангарон, кластерҳои калони кимиё-полимери Навоӣ, Қӯнғирот ва Қоракӯл, корхонаи истеҳсоли маҳсулоти тайёри дорои арзиши баланди иловагӣ аз ашёи хоми фосфорит дар Тошканд ва вилоятҳои Навоӣ, мегалоиҳаҳои стратегӣ, ба мисли маҷмӯъҳои истихроҷи оҳан дар Тебинбулоқ ва Ғаллаорол муайян шудааст.

Дар натиҷа, то соли 2030 тавлиди мис барои маҳсулоти сердаромад – **3,5 баробар, тилло – 1,5 баробар, нукра – 3 баробар ва уран – 3 баробар** афзоиш хоҳад ёфт.

Дар ивази роҳандозии лоиҳаҳои **4** ширкати бонуфузи хориҷӣ дар соҳаи автомобилсозӣ, ҳаҷми истеҳсолот дар як сол ба **1 миллион** адад ва арзиши изофӣ дар соҳа аз **20 миллиард доллар ба 45 миллиард доллар расонида мешавад.**

### Истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати илмӣ асоснок, сердаромад, содиротбоб

Номзади мо ҳамчун қадамҳои муҳими навбатӣ тадбирҳои заруриро муайян намуд, ки корхонаҳои мо бо назардошти он ки мо ҳатман **узви Созмони умумиҷаҳонии савдо мешавем**, ба рақобати ошкоро ва қавӣ омода бошанд, то бо маҳсулоти тайёр ба бозорҳои хориҷӣ ворид шавем. Бо мақсади дастгирии истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши баланди содиротӣ **таъсис додани Фонди рушди саноат ва ҷудо намудани 1 миллиард доллар ба он пешбинӣ шудааст.**

То соли 2030 таъсиси минтақаҳои махсуси содиротӣ бо **50 бренди** бонуфузи хориҷӣ, ба пуррагӣ ҷорӣ намудани низоми ипотекаи саноатӣ бо мақсади таъмини соҳибкорон бо биноҳо дар шакли **«бизнесҳои тайёр»**, дар ҳар як ноҳия таъсиси **2** минтақаи нави саноатӣ, ки камаш ҳазор ҷойи корӣ меофарад, инчунин ба 5 миллиард доллар расондани содироти хидматҳои технологияҳои ахбор таъмин карда мешавад.

### Гузариш ба «иқтисодиёти сабз», истифодаи васеи манбаъҳои энергияи барқароршаванда

Бо ин мақсад аз ҷониби номзади мо вазифаҳои зерини таъхирнопазир муайян карда шудаанд:

- ба **25 000** мегаватт расондани манбаъҳои барқароршавандаи энергия, ҳиссаи онҳо аз **14** фоизи феълӣ то **40 фоиз** расондан;
- аз соли 2024 таъсис додани бозори **«сертификатҳои сабз»** дар соҳа;
- гузарондани автобусҳо ба сӯзишвории комилан экологии тозаи электр ё газ;
- ҷорӣ намудани талаботи сарфаи энергия барои ҳамаи хонаҳои нав ва таҷҳизот.

Дар натиҷа, самаранокии энергетикӣ дар иқтисодиёт **2** баробар афзоиш ёфта, то соли 2030-ум **50** миллиард киловатт-соат неруи «сабз» тавлид мешавад. Дар баробари ба кор андохта шудани неругоҳҳои нав **10** ҳазор километр шабакаҳои электрии магистралӣ ва **110** ҳазор километр сетҳои электрикии минтақавӣ сохта мешаванд.

### Муносибатҳои нав оид ба рушди устувори инфрасохтор

Номзади мо ба сифати вазифаи муҳими таъхирнопазир инҳоро муайян кард:

**якум**, бо мақсади боз ҳам тараққӣ додани **роҳи оҳан**: дар роҳҳои Тошканд – Самарқанд, Навоӣ – Бухоро сохтани роҳҳои иловагии тезгард, ҳиссаи роҳи оҳани электриконидашударо аз 43 фоиз ба 65 фоиз расондан. Аз ҳама муҳимаш, бахши хусусӣ ба бахши роҳи оҳан ҷалб шуда, сифати хизматрасонӣ дар асоси нархҳои рақобатпазир муайян карда мешавад;

**дуюм**, дар робита ба рушди **алоқаи ҳавоӣ ва хидматрасонӣ** шумораи парвозҳо **4** баробар зиёд карда, **6** фурудгоҳи асосӣ таҷдид ва шумораи ширкатҳои ҳавопаймоии хусусӣ ба 10 адад расонида мешавад;

**сеюм**, дар самти рушди роҳҳои автомобилгард: то соли 2030 аз маркази ноҳия то ҳар як деҳа ба масофаи ҳамагӣ **5500** километр роҳи сементу бетонӣ сохта, бо нақлиёти ҷамъиятӣ пурра фаро гирифта мешавад, дар самти хатсайрҳои **Тошканд – Самарқанд ва Тошканд – водии Фарғона** дар асоси шарикии хусусӣ роҳҳои нави автомобилӣ сохта, бо иштироки сектори хусусӣ **56** ҳазор километр роҳҳо реконструксия карда мешавад. Дар натиҷа ҳаҷми кашондани мусофирону бор 3 баробар зиёд мешавад;

**чорум**, то соли 2030 **тамоми пунктҳои аҳолинишин бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин карда мешаванд**. Ба ин 2,5 миллиард доллар равона карда шуда, ба ҳалли пурраи ин мушкилот, ки барои аҳолии мо хеле рӯзмарра аст, ба даст оварда мешавад;

**панҷум**, тамоми деҳаву овулҳо бо **интернет** пурра фаро гирифта шуда, суръати он **10** баробар зиёд мешавад.

### Сектори хусусӣ — гарави рушди устувори иқтисодӣ

Тамоюлҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки сектори хусусӣ ба соҳаи «драйвер»-и рушди кишвар табдил ёфтааст. Зеро, бахши хусусии иқтисод дар соҳаҳое, аз қабили ҳавасмандгардонии инноватсия, афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва иқтидори содиротӣ ва муҳимтар аз ҳама, коҳиши камбизоатӣ ва таъмини шуғли аҳолӣ нақши хеле муҳим дорад. Имрӯз дар Ӯзбекистон қариб 90 фоизи ҷойҳои корӣ аз ҷониби сектори хусусӣ офарида мешаванд.

**Дар барномаи номзади мо** дар бораи зиёд кардани ҳиссаи сектори хусусӣ дар иқтисодиёт, давом додани корҳо оиди ба тамоюлҳои бозор гузарондани соҳаҳои монополӣ инҳо пешниҳод шудаанд.

**якум**, ба сектори хусусӣ гузарондани хизматрасонии роҳи оҳан, сохтмон ва идораи роҳи автомобилгард, таъмини газу барқ;

**дуюм**, механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар идоракунии системаҳои ирригатсионӣ, тоза кардани обҳои партов, таъмини неруи барқ ва гармии иншооти иҷтимоӣ васеъ ҷорӣ карда шаванд;

**сеюм**, дар чаҳорчӯби барномаи хусусигардонӣ ба амал баровардани корҳо оид ба 6 маротиба кам кардани корхонаҳои дорои ҳиссаи давлатӣ;

**чорум**, **17** намуди монополияҳои давлатӣ бекор карда, ба он бояд сектори хусусӣ васеъ ҷалб карда шавад. Дар оянда танҳо шабакаҳои асосии энергетикӣ ва нақлиётӣ, идораи давлатӣ ва амният дар зери назорати давлат боқӣ хоҳанд монд;

**панҷум**, то соли 2030 ҳиссаи сектори хусусӣ дар иқтисодиёт ба 85 фоиз расонда шавад.

### Бо дастгирии тиҷорат, ояндаро дастгирӣ мекунем

Дар солҳои охир ислоҳоти иқтисодие, ки дар мамлакати мо бо мақсади рушди минбаъда ва либерализатсияи иқтисодиёт ба амал бароварда мешавад, ба рушди соҳибкории хурду миёна нигаронида шудааст. Дар панҷ соли охир ба ривоҷу равнақи ин соҳа бештар аз **2000** қонуну фармон ва қарор қабул карда шуд.

**Номзади мо** бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ дар оянда, фароҳам овардани шароити боз ҳам қулай барои фаъолияти озоди соҳибкорон:

- фароҳам овардани тамоми шароити зарурӣ барои бартарӣ додани бахши расмӣ аз фаъолияти ғайриқонунӣ;
- таваҷҷуҳи махсус додан ба содагардонии низоми андоз ва фароҳам овардани имкониятҳои баробар барои ҳамаи соҳибкорон;
- ба таври қатъӣ кафолат додани зиёд нагардидани ставкаҳои андози арзиши иловагӣ, фоида, муомилот ва молу мулк;
- аз соли 2024 ҷорӣ намудани низоме, ки нисфи андози арзиши иловагӣ ба аҳолие, ки хонаи нав харидааст, баргардонида мешавад, таъмин кардани шаффофияти ҳисобу китоби сохтмон;
- ба роҳ мондани таҷрибаи баргардонидани **50** фоизи андози арзиши иловагӣ ба фермероне, ки маҳсулоти кишоварзиро фурӯхтаанд;
- андози даромади корманд ба корхонаҳое, ки резидентҳои ба феҳристи иҷтимоӣ дохилшуда кор мекунанд, баргардонда шавад;
- мӯҳлати баргардонидани андози арзиши иловагӣ дар корхонаҳое, ки андозро сари вақт месупоранд, то як рӯз муқаррар карда, дар чунин корхонаҳо санҷиши андоз гузаронда нашавад ва ба онҳо дар хариди давлатӣ афзалият дода шаванд;
- қатъиян давом додани ҳалли мушкилоти соҳибкорӣ тавассути **«муколамаи ошкор»**, пешгирӣ аз дахолати ғайриқонунӣ ба тиҷорат ва ҳифзи моликияти хусусӣ.

### Модернизатсия кардани кишоварзӣ — асоси рушди устувори иқтисодиёт

Дар барномаи номзади мо Шавкат Мирзиёев, ки ба сатҳи нав баровардани ислоҳоти соҳа нигаронда шудааст, вазифаҳои афзалиятноки зерин гузошта шудаанд, ки то соли 2030 даромади миёна аз як гектар дар соҳаи кишоварзӣ аз **3 ҳазор** ба **5 ҳазор** доллар расонида шавад:

- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат оид ба пахта ба **45-50** сентнерӣ ва оид ба ғалла **80-85** сентнерӣ;
- ба таври илова азхуд намудани **300 ҳазор** гектар замин ва барпо намудани боғу токзорҳои интенсивӣ;
- аз **15** фоизи ҳозира ба **50** фоиз зиёд кардани таъминоти тухмии сабзавот, маҳсулоти полизӣ, картошкаи маҳаллӣ;
- аз **8** фоиз ба **25** фоиз зиёд кардани коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;
- дар шабакаҳои кишоварзӣ ба истифода додани **100** маркази нави логистика бо иқтидори **2,5** миллион тонна;
- ҳаҷми содирот дар соҳа дар як сол аз **1,6** миллиард доллари ҳозира ба **10** миллиард доллар расонда, ба ин соҳа ҳамагӣ **15** миллиард доллар сармоя ҷалб карда шавад;
- қабули Барномаи миллии рушди кишоварзӣ дар асоси тағйирёбии иқлим, пешгирии таназзули хоку чарогоҳҳо.

***Боварӣ дорем, ки ин пешниҳодҳои номзади ҳизби мо Шавкат Мирзиёев ба бунёди Ӯзбекистони Нави дорои иқтидори тавоно ва дар арсаи ҷаҳонӣ сазовори обрӯю эътибори муташаккил ва аз ҳар ҷиҳат гул-гулшукуфон хизмат мекунад.***

***Мо тамоми ҳамватанон ва интихобкунандагонро даъват менамоем, ки дар қатори бунёдкорони Ӯзбекистони Нав бошанд!***

**Нодир ҶУМАЕВ,**
**Адҳам ШОДМОНОВ,**
**депутатҳои Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис,**
**аъзои фраксияи ЎзЛиДеП.**

**БА НОМЗАД БА МАҚОМИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН АЗ ҲАРАКАТИ СОҲИБКОРОН ВА КОРЧАЛЛОНОН — ҲИЗБИ ЛИБЕРАЛӢ-ДЕМОКРАТИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ОВОЗ ДИҲЕД!**



*Савту навое, ки дар ҷашнвораи байналхалқии фолклории «Лабчанг ва най» садо дод, дар қалби ҳозирин эҳсоси аҷиберо бедор кард.*

*Ҷашнвора дар вилояти Қашқадарё баргузор шуд. Баромади иштирокдорон, ки арзишҳои миллиро тараннум карданд, ба ҷашнвораи воқеии фолклорӣ табдил ёфт. Нолаву нағмаҳои лабчанг, най, думбура, қӯшнай, садои қайроқ ва кошуқ ба дилҳо як олам завқ бахшид. Бахусус, оҳангҳои найи Аҳмад Ҷӯраеви деҳқонободӣ ба тамошобинон писанд омад.*

*Баромади иҷрогарон бино ба беш аз понздаҳ номинатсия баҳогузорӣ шуд. Ғолибон бо диплом ва туҳфаҳои қиматбаҳо сарфароз гардонда шуданд. Дар поёни чорабинӣ консерти дастаҳои фолклорӣ ба ҷашнвора шукӯҳи тоза бахшид.*

***Дар акс:** лавҳае аз ҷашнвора.*

***Аксбардор: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ӮзА).***

# АДАБИЁТИ БАДЕӢ ДОНИШ МЕАФЗОЯД

## вале китобҳои тозанашр кай пурра ба дабистонҳо мерасанд?

***Рӯзгоре аз камчинии на танҳо китобҳои бадеӣ, ҳатто дарсӣ дар дабистонҳо мушкилӣ мекашидем. Дастрас набудани китобҳои фаннӣ ба сифати дарсҳо таъсири манфӣ мерасонд. Дар китобхонаи мактабҳо адабиёти бадеӣ хеле кам буданд. Ин ҳол ба пастшавии завқи донишомӯзон сабаб мегардид. Хуб шуд, ки китоб дигарбора қадру манзалат пайдо кард…***

Ба туфайли барқарор гардидани робитаҳо, хоссатан дар ҷодаи фарҳангу адабиёт ва илму маориф бо кишвари ҳамсоя каму беш адабиётҳо ҳам ба дабистонҳои таълим ба забони тоҷикӣ дастрас мегарданд. Бо саъю кӯшишу ғайрати сафири фарҳангдӯсти Тоҷикистон Абдуҷаббор Раҳмонзода дар дабистонҳо вохӯриҳо ташкил гардид, аз ҷониби ӯ китобҳои зиёд тақдим карда шуд.

Аз сӯйи дигар, дар нашриётҳои гуногуни ҷумҳурӣ тайи сечаҳор соли охир китобҳои зиёд ба нашр расиданд. Харҷи нашри ин китобҳо қисман аз ҳисоби худи муаллифон сурат гирифта бошанд, нашри қисми дигараш дар асоси лоиҳаи «Нақҳати сухан», ки бо ибтикори дастандаркорони Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ роҳандозӣ гардиду аз ҷониби Бунёди ҷамоатӣ ва буҷаи ҷумҳурӣ пардохта шуд. То ин вақт мувофиқи ин лоиҳа, ки нашри сӣ номгӯй китобро ба нақша гирифтаанд, якчандто аллакай рӯи чопро дида, ба дасти хонандагон расид. Китобҳои «Чароғи абадӣ»-и Мирзо Турсунзода, «Ман намемирам»-и Лоиқ, «Шабогард»-и Паймон, «Сукути фарёд»-и Абдулло Субҳон, ёдномаҳо дар бораи адабиётшинос Абдулғанӣ Мирзоев, «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода ва монанди инҳо аз ҳамин ҷумлаанд.

Баробари ин «Куллиёт»-и Асад Гулзодаи Бухороӣ (шодравон) ва «Девон»-и ашъори Паймон ба нашр расиданд. Як идда муаллифон, ки дар гӯшаҳои мухталифи ҷумҳурӣ кору зиндагӣ мекунанд, муваффақ гардиданд, ки китоби нав бароранд. «Субҳи Саодат»-и Саодат Сангинова, «Бозгашт ба зиндагӣ»-и Зоҳир Ҳасанзода, «Се барги сабз»-и ҳаммуаллифон – Юнуси Имомназар, Шариф Халил ва Фаридуни Фарҳодзод, «Армуғон»-и Саодат Бекназарова ва дигарҳо ба гуфтаҳоямон мисол шуда метавонанд.

Гуфтан мумкин аст, ки Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ дар ин роҳ рисолати худро бояду шояд ба ҷо меоварад. Маркази таълим-чӣ?

Вазорати таълими томактабӣ ва мактаб дар вазорат ва садорату шуъбаҳои худ равишомӯзонеро бевосита барои бо мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ кор кардан сафарбар бинмудааст. Оё онҳо барои саривақт дастрас шудани адабиёт, китобҳои тозанашр саъю ҳаракат доранд? На ҳамеша. Агар ҳамин китобҳои бар ивази маблағи бунёд ба нашр расида ақаллан як ё дутогӣ ба китобхонаҳои мактабҳои тоҷикӣ рафта мерасиданд, то андозае талабу дархости мактабиён нисбат ба китоби бадеӣ ҳалли худро меёфт. Сарварони мактабҳо ҳам кош андак ташаббус зоҳир намуда, барои қадре ҳам бошад, ғанӣ гардидани хазинаи китобхонаи мактаби худ кӯшиш ба харҷ медоданд.

Маро ду ҳоли ҳузновар дер боз азият медиҳад. Агар яктояш пастшавии қувваи барқ ва аз беобӣ торафт хушкидану хазон шудани долу дарахтони боғҳои мардуми маҳалла бошад, дигараш муносибати хунукназаронаи мутассаддиён нисбат ба китоб, рӯзнома ва маҷалла. Боре, ба ҳамин қарибӣ ба номи роҳбари шӯъбаи таълими томактабӣ ва мактабии ноҳияи Фориш Собир Ваққосов дар ин бора муроҷиат намудам, то ки дар дастрасии китоб, маҷалла ва рӯзномаҳо ёрии амалӣ расонад. Таассуф, ки дар ҳузури ӯ ва равишомӯзон сарвари яке аз дабистонҳо беибо «ман ба ҳамаи омӯзгорон ва ходимон на ягонто китоб, на рӯзномаву маҷалла мегирӣ гуфта фармудаам, харида гирифтанро қатъиян манъ кардаам!» мегуфт. Бубинед, «тафовути роҳ аз куҷо то ба куҷост?!» Вақте ки сарвари мактаб ба ҷойи дигарон намунаи ибрат шудан, китоби нав гирифтанро манъ мекунад, дар он муассисаи таълимӣ чӣ тавр пешравӣ ба миён меояд?

Дар ин бора хабарнигори рӯзномаамон дар вилояти Навоӣ Ӯзбакбойи Раҳмон андеша ронда, иброз медорад, ки тақдимоти баъзе аз ин китобҳоро дар мактабҳои Форишу Нурато гузарониданд. Маҳфилҳо баргузор намуда, бо кумак ва ҳиммати иддаи соҳибкорони маърифатдӯст ба мактабҳо китобҳо тӯҳфа ҳам карда шуд ва ин анъана то ҳол идома дорад. Аммо ин ҳама кам аст.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*

***Хатмкунандагони равияи бакалаври Институти давлатии тиббии Бухоро ба номи Абӯалӣ ибни Сино ба зодгоҳи Шайхурраис деҳаи Афшонаи ноҳияи Пешкӯ омада, дар пеши пои ҳайкали падари илми тиб Абӯалӣ ибни Сино савганди шифокорӣ қабул карданд.***

## САВГАНДИ КАСБӢ

Дар ҷараёни чорабинӣ ҳокими ноҳияи Пешкӯ Ваҳҳоб Қаҳҳоров, роҳбарон, устодону профессорон ва донишҷӯёни донишкада, падару модарон ва намояндагони аҳли ҷамоат иштирок карданд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

*Ёднома*

# ДАР ДОМАНИ ЛОЛАЗОРИ ЁР АФТОД

Хабари марги нависандаи боистеъдод Саттор Турсун барқосо паҳн гашта, маро низ аз Тирмиз ба Душанбе расонд.

Аз барои видоъ бо Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун дар назди даромадгоҳи бинои истиқоматии ӯ адибони номвари Тоҷикистон Гулрухсор Сафиева, Абдулҳамид Самад, Ато Мирхоҷа, Равшани Махсумзод, Толиб Луқмон ва даҳҳо тани дигар, инчунин хешу таборон, мухлисони насри ӯ гирдиҳам омада буданд. Ҳама сарафканда ва дар қайди ғаму андӯҳи гаронанд. Ҳар ҷо дар соядави дарахтон давра кашида, байни худ аз воқеоти рӯзгори марбут ба марҳум гуфтаву мешуниданд. Ба гӯшам расид, ки шоираи маҳбуб Гулрухсор бо надомат мегуфт:

– Ҳамсафони ман як-як аз даҳони адабиёт чун дандон меафтанд. Сад дареғ!

***

Ман ба манзили адиб сар халондам. Хонаи ӯ хеле хоксорона буд, маълум аст, ки соҳибхонаро ҷуз ғами ғановати адабиёт андӯхтани молу сарват ба кӯйи худ набурдааст…

Дар назди ҷисми берӯҳи адиб, ки дар рӯйи хона гузоштаанд ва атрофаш додаронаш бо дидагони пурнам менишастанд, оҳиста зону задам. Вай дар рӯйи як ҷуфт кӯрпачаи пахталаганда хоб аст: ором, беҳаракат ва тану ҷон ба хоҳиши қазову қадар таслим намуда! Сукути вазнинро гиряву нолаи занон халалдор мекунад, ки гоҳе паст, гоҳе авҷ карда, аз хонаҳои шафат дар гӯшҳо менишаст.

Чун докаро аз сару рӯяш оҳиста бардоштам, ҳамон симои ҷиддии адиб, вале айни ҳол меҳрубонаш падид омад, ки замоне айнан дар ҳамин хона дида будам.

– Шумо барин қаламкашон ба мисоли гиёҳҳои худрӯйи кӯҳиед. Дар токчаву камарҳо ба таври худ руста, ба шукӯҳи кӯҳистони азим меафзоед. Аммо барои чидаву дар хидмати адабиёт қарор додан гиёҳшинос мебояд буд. Гиёҳшиносон пас аз сари Айниву Турсунзода дар байни мо қариб намондаанд, – гуфта буд ӯ ва як зарра дар чеҳрааш сояи ғам фаромад.

Дар бозгашт, аз мани адиби пир як каф дуо гуфта, ба сари китфам даст монду рост ба умқи чашмонам нигарист ва пас аз чанд сухани гарм дастамро самимӣ фишурд. Ҳоло ҳар гоҳ қалам ба даст мегирам, ҳамон ҳарфҳои соҳир ба гӯшам менишинанд, ҳамон фишорро дар ангуштонам ҳис мекунам, ки ноаён ба ман нерӯ мебахшанд.

***

Адиби мо ҳоло парвои одаму олам надорад!

Амонати худ таслим намуда, аз барои ҳисобу китоб ба сӯйи Парвардигори худ шитофта буд. Як табассуми баасрор низ дар лабони ӯ шах шудаанд. Ин табассумро адиб шояд ба рӯйи марг андохта буд. Каме тирафом аст рӯйи нависанда, кавири сӯхтаи лабташнаеро мемонад, ки дар оғози фасли гармо ҳама чашмаҳояш ногузир хушк шуда ва асари ҳаёт надоштанд.



Чашмонаш – дидагони солҳои охир нурбохтааш пӯшида! Ин ҳамон чашмон буданд, ки нури худро зарра-зарра дар ҳар сатр, дар сари ҳар вожаи китобҳои мондагори нависанда бохта, ба ҷилои онҳо афзудаву худ дар поёни умри соҳибашон бефурӯғ гашта буданд. Вақте адиб дар ҳаёт буд, аз паси айнаки шишакалон он чашмони барроқ ба атроф мӯшикофона менигаристанд, ба ҷустани ҳақиқати ҳаёт, пастиву баландӣ, фарқи сиёҳу сафед машғул буданд ва ба як нигоҳ мефаҳмиданд, ки дар дили ҳассоси ҳаммеҳанон чӣ андешае нуҳуфтааст. Як марди қавиҳайкали гандумгуне буд Саттор Турсун, ки ҳоло хеле лоғар шудаву дар ҷисми пӯсту устухонаш асари ҳаёт ба мушоҳида намерасид. Танҳо бинии барҷастаи тоҷиконааш, бале, маҳз ҳамин биннии баланд ва зебо, ногузир хаёли маро дуздида, ба ёди зодгоҳи нависанда – деҳаи Пасурхии Бойсун меандозад.

(Давомаш дар саҳ.4).

